Литсейи харбии Вазорти мудофиа дар асоси Карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 4-уми феврали соли 1999 дар базаи мактаб-интернати махсуси чумхуриявӣ, ки он 29 сентиябри соли 1985 таъсис ёфта буд, ташкил када шудааст. Аз рӯзи аввали таъсисёбии Литсейи харбӣ сарварии онро генерал-майор Мирзо Чонов бар ӯхда дошта, давоми фаъолияти солхои минбаъда дигар мутахассисони касбӣ дар пойдорӣ ва дастовардхои он сахми хешро гузоштанд. Агар замони таъсис соли 1985-ум дар мактаб-интернати махсус 80-нафар хонанда донишомӯзӣ карда бошанд, теъдоди онхо сол то сол зиёд шуда, то соли 2001 мактаб-интернат ва баътар Литсейи харбиро хазорон нафар курсантон хатм намудаанд.

Аз соли 1999 Литсейи харбӣ ба тобеияти Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон гузаштааст, ки то соли 2003 ин муассисаи таълимиро 830 нафар ва то соли 2011 бошад, 1801 нафар хонанда хатм намудааст. Тахсил дар Литсейи мазкур ду сол давом намуда, дар ин муддат хонандагон асосан донишхои ибтидоии харбиро аз худ менамоянд. Дар асоси низомномаи муайяннамудаи Литсейи харбӣ курсантони лаёкатманд ба академияхо ва донишгоххои олии харбии чумхурихои Федератсияи Россия, Украина, Казокистон, Хиндустон ва Озорбойчон барои давом додани тахсил фиристода мешаванд ва кисми дигаре аз онхо ба Донишкадаи харбии Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон дохил шуда, маълумоти олии харбиро дар ин чо мегиранд. Айни замон, даххо нафар курсантони хатмнамудаи Литсейи харбӣ баъди хатми мактабхои Олии касбӣ дар зинахои рохбарикунандаи сохторхои кудратӣ вобаста ба тахассусу донишхои гирифта дар сафхои Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон адои вазифа менамоянд.

Ба Литсейи харбии Вазорати мудофиа омӯзгорони пуртачриба чалб карда шуда, бо максади баланд бардоштани сифати дониш ва хиси миллии толибилмон, инчунин тахкими интизоми харбӣ ва тайёрии харбӣ хамеша саъю кӯшиш менамоянд. Таълим дар Литсейи харбӣ ба забони давлатӣ гузаронида мешавад. Азбаски тарбиятгирандагон ба мамлакатхои хорича барои идома додани тахсил равона карда мешаванд, дар асоси Оинномаи Литсейи харбӣ ба забони руссӣ низ диккати чиддӣ дода мешавад.

Дар ин муассисаи таълимии харбӣ зиёда аз 15 фан доир ба махсусиятхои харбии кишвар омӯзонида мешавад. Тарзи омӯзиш ба ду равия чудо карда шудааст, равияи забонхои хоричӣ ва равияи умумихарбӣ ва инчунин ба ду иттиходияхои методӣ чудо карда шудаанд; Иттиходияи методии фанхои гуманитарӣ ва Иттиходияи методии фанхон дакик. Вобаста ба имконияту фарогирии хонандагон ба Литсейи харбӣ хаминро бояд зикр намуд, ки аз чониби масъулини соха чихати самаранокии таълиму тарбия шароити хуби тахсил фарохам оварда шудааст. Литсейи мазкур дорои мачлисгох,

синфхонахои таълимӣ, толори варзишӣ, майдонхои сафоройӣ, китобхонаи дорои беш аз 4 хазор адад китоб мебошад.

Рафти таълиму тарбия мувофики барномахои таълимӣ ва накшаи чорабинихои соли тахсил бо талаботи оинномахои Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, Дастуру супоришхои вазири мудофиа ва Оинномаи Литсейи харбӣ ба рох монда, корхои тарбиявӣ-сиёсӣ ва таълимӣ дар мувофика бо Райёсат оид ба корхои сиёсӣ-тарбиявӣ ва Райёсати кадрхо ва таълимоти харбии Вазорати мудофиа, инчунин бо Вазорати маориф ва илми Чумхурии Точикистон амалӣ карда мешаванд.